Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» ба бандҳои 10.1, 10.4, 10.5, 10.8, 10.11 ва 10.12-и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар солҳои наздик вазифаи асосии идоракунии рушди гидроэнергетика ва фаъолияти сармоягузорӣ дар он ҳадафи таъмини дастрасии мунтазами ҳамаи истеъмолкунандагон новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии онҳо бо нерӯи барқ буда, ин вазифа бо роҳи идораи раванди истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикӣ, бо риояи талаботи сифат ва ҳамзамон истифодаи сарчашмаҳои алтернативии манбаъҳои энергетикӣ, ҷалби бахши хусусӣ ба соҳаи энергетика, пешбарии сиёсати самараноки сарфакорӣ дар самти истеҳсолот ва тақсимот, баланд бардоштани менеҷменти идоракунӣ дар соҳаи энергетика, тарбияи кадрҳо ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ амалӣ карда мешавад.

Дар баробари ин вазифаҳои идоракунӣ масъалаи истифодаи самараноки сармоя дар соҳаи гидроэнергетикӣ муҳимияти аввалия пайдо мекунад. Чуноне, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудааст, «Дар давраҳои минбаъда ҳадафҳои стратегӣ дар самти энергетика сифатҳои нав касб карда, асоси онҳоро гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи

самарабахши нерӯи барқ» ташкил медиҳад. Азбаски ин соҳа ба бахши давлатӣ дохил мешавад, ин ҷо на танҳо сармоягузориҳои хориҷӣ, балки ҳаҷми калони онро сармоягузории давлатӣ ташкил медиҳад. Бинобар он «Масъалаҳои тақвияти рушди институтсионалӣ дар самти таъмини самаранок, шаффоф ва назорати идоракунӣ ва молиявии зиддикорруписионӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологяи муосири иттилоотӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ» дар мадди аввал мебароянд. Барои такмили идораи фаъолияти сармоягузорӣ муайян намудани самти афзалиятноки сармоягузорӣ дар гидроэнергетика, пеш аз ҳама арзёбии самаранокии онҳо ба назаргирии хусусиятҳои хоси ташкилӣ-истеҳсолии соҳа, нақши муҳим дорад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба ҳайси навгониҳои илмӣ муаррифӣ гаштаанд, ки ба коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон мусоидат намудаанд.

Натиҷаҳои асосие, ки дар кори диссертатсионӣ баён шудаанд ва унсурҳои навгонии илмиро дар бар мегирад, чунинанд:

1. Муқарраротии муаллифӣ доир ба мафҳуми «раванди сармоягузорӣ» ҳамчун объекти идоракунии равандӣ ироа шудааст, ки зинаҳои гуногуни амалисозии фаъолияти сармоягузориро дарбар мегирад: ҷустуҷӯи захираҳои сармоягузорӣ; табдил додани захираҳо ба сармоягузориҳои асосӣ ё раванди табдил додани сармоягузорӣ ба объекти мушаххаси фаъолияти сармоягузорӣ; табдил додани захираҳо ба сармоя, ки даромади иловагӣ меорад ва ё раванди мубаддалшавии сармоягузориҳо ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ; натиҷаи ниҳоии сармоягузорӣ - афзоиши арзиши сармояе мебошад, ки онро тавсиф мекунад;

2. Асоснок карда шудааст, ки соҳаҳои гидроэнергетика аслан ба бахши давлатии иқтисодиёт дохил мешавад ва вобаста бо хусусиятҳои асосии зерин бояд зери танзими фарогири давлатӣ қарор гирад: а) арзиши баланди сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ, ки маблағи зиёдро талаб мекунаду ҷолибияташ барои сармоягузорони хусусӣ хеле паст мебошад; б) ҳаҷми зиёди корҳо, ки ба муҳлати тӯлонии сохтмони иншоотҳои гидроэнергетикӣ оварда мерасонад, ки бинобар он зарур аст, ки барномаи давлатии дастгирӣ ва кафолати фаъолияти сармоягузорӣ дар он таҳия ва амалӣ карда шавад;

3. Вазъи сармоягузории сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ арзёбӣ гардида, дар бораи имконияту захираҳои эҳтимолии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилооти нави илмӣ дода шудааст, ки ҳадафнокиву самаранокии саромоягузориро дар сохтмони иншооти бузурги гидроэнергетикӣ бо иштироки сармоягузорони минтақавӣ аниқ намуда, мавқеи бартариятнокии ҷумҳуриро дар бозори байналмилалӣ (минтақавӣ)-и неруи барқ фаъол мегардонад;

4. Асоснок карда шудааст, ки асоси идоракунӣ ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро дар соҳаҳои гидроэнергетика бояд барномаи мукаммали ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ташкил диҳад, ки ҳамчун ҳуҷҷати асосии барномавӣ баррасӣ гашта, самтҳои асосии фаъолияти ҳукуматро барои рафъи раванди ноустувории сармоягузорӣ ва эҷоди шароит барои фаъолияти судманди сармоягузорӣ инъикос намояд;

5. Самтҳои асосии такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии сармоягузорӣ ва роҳҳои фаъолсозии он муайян карда шуданд, ки барои муайян ва мураттаб сохтани мушкилоти асосӣ ва ҳалли он, ки бо мушкилоти вазъи молиявии соҳаи гидроэнергетикии иқтисодиёт алоқаманд мебошад, мусоидат намояд;

6. Принсипҳои консептуалии идоракунии раванди ташаккули портфели сармоягузорӣ ва таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун механизми ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва роҳҳои паст намудани хавфи самоягузорӣ коркард карда шудааст, ки имкон медиҳад, тавсияҳо оид ба интихоби фаврии инструментҳои идоракунии сармоягузорӣ мувофиқи вазъи бозори сармоягузорӣ ташаккул ёбад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** шаҳодат аз он медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро оид ба соҳаи идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетика эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаву пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои муаллиф интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот аз маҷмуи муқаррароти методие иборат аст, ки метавонанд ҳангоми коркарди стратегияи рушди устувори соҳаҳои гидроэнергетика, ки дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва энергетикӣ нақши назаррас дорад, истифода шаванд. Муносибатҳои илмии пешниҳодшуда, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст омадаанд, метавонанд ҳангоми интихоби самтҳои азнавсохторбандӣ, пасткунии қарзҳои дебиторӣ, мукаммалгардонии сиёсати тарофавӣ ва баландбардории истиқлолияти инвеститсионии ширкатҳои миллии гидроэнергетикӣ истифода шаванд.

Илова бар ин, дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ амсилаи ташаккули портфели сармоягузорӣ нақши муҳим дошта, самтҳои стратегии баландбардории самаранокии гидроэнергетикӣ ва мукаммалгардонии механизми танзими давлатии онро муайян менамояд. Дар маҷмӯъ, муҳиммияти хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия асоснок карда шудааст, аз рӯйи ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар гидроэнергетика дар марҳалаи нави рушди иқтисодиёт ҷиҳати таъмини амнияти гидроэнергетикаи Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 182 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, фарогири 21 ҷадвал ва 12 расму диаграмма мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия ва дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок гардида, мақсаду объект ва мавзуи таҳқиқот, навгонии илмӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот дар самти идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, муносибатҳои методии таҳлил ва арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар гидроэнергетика баён гардидааст.

Боби 1. **«Асосҳои назариявии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар гидроэнергетика»** (саҳ. 15-63). Дар қисмати аввали таҳқиқот муносибатҳои назариявӣ доир ба мазмун ва тавсифи шаклҳои амалисозии

фаъолияти сармоягузорӣ, муносибатҳои методии таҳлил ва арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, хусусиятҳои идоракунӣ ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши гидроэнергетика мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Диссертант бо такя ба фикру ақидаҳои омӯхташудаи олимони соҳаи иқтисод дар диссертатсия мафҳуми «раванди сармоягузорӣ», ки тарҳи идоракунии раванди бисёрзинагии амалисозии фаъолияти сармоягузориро муайяйн менамояд, пешниҳод намудааст. Илова бар ин, аз ҷониби муаллиф марҳалаҳои раванди сармоягузорӣ ба монанди: ҷустуҷӯи захираҳои сармоягузорӣ, табдил додани захираҳо ба сармоягузориҳои асосӣ, табдил додани маблағҳои гузошташуда ба афзоиши арзиши сармоя ва афзоиши арзиши сармоя дар шакли даромад ҷудо шудааст (саҳ. 16).

Дар баробари ин, унвонҷӯ дар диссертатсия таъкид мекунад, дар соҳаи гидроэнергетика бо сафарбар шудани ҳаҷми хеле калони сармоягузориҳо ва аз ин ҷиҳат ба дараҷаи баланди хавф буданашон пеш аз ҳама ба ҳалли муаммои бозгашт ва ё ҳарчи зудтар баргардонидани сармоя таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад. Дуруст аст, ки арзёбии муҳлати дисконтии пардохт ва ё бозгашти сармояи гузошташуда хеле муҳим мебошад ва унвонҷӯ дар таҳқиқоташ формулаеро пешниҳод намудааст, ки муҳлати дисконтии бозгашти сармояро муайян мекунад (саҳ. 43, формулаи 1.8).

Муаллиф дар таҳқиқоти худ равандҳои татбиқи вазифаҳои сершумори идоракунии фаъолияти сармоягузориро ба таври мукаммал мавриди таҳлил қарор дода, ба фарқияти назарраси мазмуни мушаххаси онҳо вобаста ба дараҷаи субъекти идоракунии сармоягузорӣ аҳамияти ҷиддӣ додааст. Дуруст аст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникии мамлакат ба даст овардани самараи бузурги синергетикӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, идоракунии сармоягузорӣ яке аз ҳадафи асосӣ дар сатҳи давлатӣ ба ҳисоб рафта, тавассути механизмҳои ташкиливу иқтисодие, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, амалӣ карда мешавад (саҳ. 48).

Дар таҳқиқот муаллиф хусусиятҳои идоракунӣ ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро дар бахши гидроэнергетика таҳия намуда, таъкид мекунад, ки идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бояд дар доираи татбиқи стратегияи гидроэнергетикии ҷумҳурӣ, ки яке аз қисми муҳими стратегияи амнияти энергетикии кишвар мебошад, пурзӯр карда шавад. Дар баробари стратегияи энергетикии ҷумҳурӣ дастурҳои асосии стратегии сиёсати давлатии энергетикӣ низ бояд амалӣ карда шаванд.

Вобаста ба ин, пешниҳод намудааст, ки расидан ба ин дастурҳои стратегӣ, инчунин такмили механизмҳои назорати системаи энергетикии мамлакат ташаккул ва татбиқи қисмҳои асосии сиёсати давлатии энергетикиро талаб мекунад.

Боби 2. **«Ҳолати муосири сармоягузорӣ ва идоракунии он дар соҳаҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон»** (саҳ. 64-117). Дар ин қисмат вазъияти муосири рушд ва таҳлили ҳолати сармоягузорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, ҳамчунин арзёбии самаранокии сармоягузорӣ ва мушкилоти асосии идоракунии он дар соҳаҳои гидроэнергетикаи мамлакат мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Дуруст аст, ки Ҳукумати мамлакат дар самти таъмин намудани суботи истеҳсолот ва вазъи молиявии гидроэнергетикаи мамлакат тадбирҳои судманд андешида истодааст. Аз таҳлилҳои гузаронидаи муҳаққиқ низ бармеояд, ки устувории соҳаи гидроэнергетика дар мамлакат тамоюли рушдро дорост. Вобаста ба ин, муаллиф динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бахши нерӯи барқи мамлакатро аз рӯйи маълумотҳои оморӣ дар шакли ҷадвал хеле хуб таҳия намудааст. Аз рӯйи маълумотҳои пениҳодшуда, маълум мегардад, ки ҳаҷми иқтидори истгоҳҳои барқии мамлакат соли 2021 нисбат ба соли 2015 196 ҳаз. кВт зиёд шудааст. Ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ бошад, дар давраи таҳлилшаванда 3463 млн. кВт/с афзудааст (афзоишёбӣ 20,4%). Аз ин шумора 93 фоизи он дар истгоҳҳои барқии обӣ истеҳсол шудааст. Ҳаҷми содироти нерӯи барқ низ бо афзудани истеҳсоли он беш аз 3,1 маротиба зиёд шудааст, ки барои нерӯ бахшидан ба таҳкими иқтидори молиявии корхонаҳои гидроэнергетикии мамлакат мусоидат менамояд (саҳ. 67, ҷадвали 2.2).

Мувофиқи андешаи диссертант, ҷалб ва равона намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат мувофиқи мақсад буда, ба воситаи он таҷдиди асосҳои техникиву технологии истеҳсолот сурат мегирад.

Унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ бо такя ба маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ сармоягузорҳои хориҷиро вобаста ба минтақаҳои мамлакат дар шакли диаграмма таҳия намудааст. Аз маълумотҳои диаграммаи мазкур бармеояд, ки дар давраи солҳои 2011-2021 сармоягузориҳои хориҷӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат дида мешавад. Лекин, вобаста ба гуногун будани фазои мусоиди сармоягузорӣ ҳаҷми он дар минтақаҳои таҳқиқшаванда фарқияти хеле калон доранд. Масалан, дар иқтисодиёти шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд ҳаҷми сармоягузориҳо хеле зиёд аст, чунки минтақаҳои зикргардида,

дорои инфрасохтори мувофиқ мебошанд. Аммо, бо сабаби сатҳи пасти инфрасохтори сармоягузорӣ ва номувофиқ будани фазои мусоиди он дар дигар минтақаҳои таҳлилшаванда, ҳаҷми сармоягузориҳо нисбатан паст аст. Махсусан, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, бо сабаби минтақаи куҳӣ буданашон ҳаҷми ночизи сармоя ба назар мерасад (саҳ. 85, расми 2.2).

Аз таҳлилҳои гузаронидаи муаллиф бармеояд, ки дар соҳаҳои гидроэнергетикии мамлакат ҳаҷми хеле калони сармояҳо сафарбар шуда истодааст. Ин водор менамояд, ки нисбат ба такмили механизми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Барои такмили идоракунӣ, пеш аз ҳама, бояд мушкилоти ин самт муайян карда шавад. Илова бар ин, диссертант он муаммоҳое, ки дар роҳи идоракунии самаранокии сармоягузорӣ монеа эҷод мекунанд, дар шакли ҷадвал пешниҳод намудааст (саҳ. 112, ҷадвали 2.15).

Боби 3. **«Баланд бардоштани нақши идоракунии молиявӣ дар рушди соҳаи гидроэнергетика»** (саҳ. 118-152). Дар қисмати сеюми таҳқиқот аз тарафи диссертант роҳҳои такмили механизмҳои ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ баррасӣ гардида, механизми паст намудани хавф ва принсипҳои асосии идоракунии портфели сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика асоснок карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти иқтисодии ҷараёндошта ба ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан ба саноати гидроэнергетика ҳамчун як соҳаи асосӣ таъсир расонд. Таъмини устувории молиявии корхонаҳои соҳаи гидроэнергетика ҳадафи асосии ислоҳот буд. Аз сабабе, ки дар марҳилаи аввали ислоҳоти либерализатсияи соҳаи энергетика ва амалияи тиҷоратӣ гардонидани он натиҷаи дилхоҳ надод, дар ин ҳолат Ҳукумати мамлакат барои нав кардани базаи техникӣ-технологии системаи энергетикии мамлакат маблағҳои калон чудо кард. Бинобар ин, фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика инкишоф ёфта истодааст.

Вобаста ба ин, муаллиф дар таҳқиқоти худ таъкид мекунад, ки барои густариши ин раванд дар системаи фаъолияти инвеститсионӣ бояд ба нақш ва аҳамияти сармоягузории портфелӣ, ҳамчун механизми ташкии идоракунии раванди сармоягузорӣ диққати махсус дода шавад. Инчунин, муаллиф хусусиятҳои портфели воқеии сармоягузориро тавсиф намуда, принсипҳои асосии ташаккули онҳоро дар гидроэнергетика дар шакли ҷадвал таҳия ва пешниҳод намудааст (саҳ. 122, ҷадвали 3.2).

Рисоланавис қайд мекунад, ки назорат ва танзими хавфҳои идоракунии портфели сармоягузорӣ яке аз вазифаи муҳим ба шумор

меравад. Чунки, хавфҳои портфели сармоя эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳолатҳое мебошад, ки сармоягузор дар натиҷаи маблағгузорӣ ба портфел зиён меорад. Вобаста ба ин, унвонҷӯ намудҳои асосии хавфҳоро дар диссертатсия барраси карда, алгоритмеро пешниҳод намудааст, ки интихоби он дар ҳолати арзёбии хавфу хатарҳо ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳ.137, расми 3.3).

Диссертант дар раванди таҳқиқот андешаҳои коршиносони соҳаро гирд оварда, бо истифода аз усули рейтингӣ дар шакли ҷадвал эҳтимолияти сар задани хавфу хатарҳоро раддабандӣ намудааст (саҳ. 140, ҷадвали 3.4). Аз ҷониби диссертант дар натиҷаи ҷамъбасти баҳодиҳии экспертон аниқ карда шудааст, ки ношаффофияти иттилоот доир ба сохтмони неругоҳи барқию обӣ дар мавзеи Сурхоби ноҳияи Фархор эҳтимоли зуҳури хавфҳои калонро дорад. Чи тавре, ки маълум мегардад, холи миёнаи ин хавф ба 7 хол баробар буда, миёни дигар хавфҳо ҷойи якумро мегирад. Дар натиҷа, хавфҳо таҳияи тадбирҳои ҷиддиро барои рӯйпӯш намудани талафоти даромад ва ё фоида талаб менамояд.

Дар **хулоса ва пешниҳодҳои** кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон пешниҳод шудааст (саҳ. 153-158).

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Кори диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбат баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд ва баъзеи онҳо лозим ба қайд мебошанд, ба монанди:

1. Диссертант дар боби якуми диссертатсия бо такя ба асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои назариявии мавзуи таҳқиқотро нишон додааст. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия боз ҳам ғанӣ мегардид, агар муаллиф таҷрибаи назарияи пешқадами идоракунии фаъолияти сармоягузориро дар низоми гидроэнергетика васеътар таҳлил менамуд.

2. Дар диссертатсия идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ба низоми гидроэнергетика ҳамчун самти афзалиятнок пешниҳод карда шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф вобаста ба илм як алгоритми муайяни рушди гидроэнергетикаро ба таври мукаммал бо нишон додани ҷузъиётҳои ташаккули он (дар шакли схема) пешниҳод менамуд, то ин ки сохторҳои марбута дар сатҳи маҳал ва давлат аз он истифода мебурданд.

3. Барои боз ҳам баланд намудани арзиши илмии диссертатсия хуб мешуд, агар дар доираи боби дуюм ва ё боби сеюм нишондиҳандаҳои мултипликатор дар самти гидроэнергетика ҳисоб карда мешуд.

4. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба таври кифоягӣ ва мушаххас тадбирҳо оид ба самаранокии сармоягузорӣ ва мушкилоти асосии идоракунии он дар гидроэнергетика нишон дода нашудааст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаргардида, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд. Дар умум, кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» аз рӯйи талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, кори илмии баанҷомрасида мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисодиёти соҳавии
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Раҳимов З.С.

*Дурустии имзои Раҳимов З.С.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Каримов З.А.

**Суроға:** 733036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Кӯшониён
Тел.: +992 (93) 581-60-60, E-mail: zafar.430105@mail.ru